ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. (5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст.

Дар шароити муосири рушди низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули фарҳанги нутқи насли наврас яке аз вазифаҳои стратегӣ ва аввалиндараҷа ба шумор меравад. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам ба масъалаҳои ҳифзи покизагӣ ва асолати забони давлатӣ, боло бурдани сатҳи саводнокӣ ва ҷаҳони маънавии хонандагон нигаронида шудаанд. Диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ ба яке аз масъалаҳои муҳимтарин, бунёдӣ ва ҳамбастаи лингвистика, дидактика ва методикаи амалии таълим - «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» бахшида шудааст, ки метавонад ба ниёзҳои имрӯзаи ҷомеа ҷавобгӯ бошад.

Мубрам будани мавзуи диссертатсия. Мубрамии мавзуъ бо он асоснок карда мешавад, ки воҳидҳои паремиологӣ (зарбулмасалу мақолҳо, афоризмҳо, панду ҳикматҳо) ва воҳидҳои фразеологӣ (ифодаҳои устувору рехта) дар сохтори забони тоҷикӣ мақоми хоса доранд. Онҳо на танҳо унсурҳои луғавӣ, балки ганҷинаи хирад, анъанаҳо ва тафаккури миллии халқи тоҷикро дар худ инъикос менамоянд. Дар низоми таълими муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ин воҳидҳои забон аксар вақт берун аз матн омӯзонида мешаванд. Равишҳои анъанавӣ имкон намедиҳанд, ки хонанда умқи маъно, тобишҳои эҳсосию услубӣ ва имконоти иртиботии онҳоро дарк кунад. Аз ин рӯ, зарурати таҳияи низоми мукаммал, илмӣ ва услубан устувор ба

миён омада, дар таҳқиқоти илмии доктории пешниҳодшуда ба таври амиқ баррасӣ гардидааст.

Илова бар ин, бо таъсири шадиди технологияҳои иттилоотӣ хатари коҳиш ёфтани таркиби луғавии фаъол ва беэътиноӣ ба фарҳанги нутқ ба мушоҳида мерасад. Хонандагон аксар вақт ҳангоми таҳияи матнҳои мустақил ва ибрози андеша дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ ба мушкилиҳои ҷиддӣ рӯбарӯ мешаванд. Омӯзиши муназзами воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар заминаи матнҳои баргузидаи классикӣ ва муосир метавонанд ҳамчун асоси рушди зеҳнӣ ва малакаи суханварии хонандагон хизмат кунанд. Муаллиф бо дарки дурусти ин паҳлуҳои муҳимми иҷтимоӣ-педагогӣ мавзуи таҳқиқотро муайян намуда, дастгоҳи консептуалии онро устувор сохтааст.

Диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ ба масъалае бахшида шудааст, ки натиҷаи он дар нутқ, навишт ва салоҳияти иртиботии хонандагон эҳсос мегардад. Хонанда метавонад қоидаи грамматикӣ ва таърифи истилоҳро аз бар намояд, вале ҳангоми суҳбат, пешниҳоди андеша, навиштани иншо ё шарҳи матни бадеӣ калимаи дақиқ, ифодаи муносиб ва далели таъсирбахш пайдо карда натавонад. Маҳз ҳамин фосила байни «донистани забон» ва «истифодаи воҳидҳои забон» масъалаи меҳварии фарҳанги нутқ аст. Муаллиф барои пур кардани ин фосила воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро интихоб мекунад, зеро онҳо дар шакли мухтасар ҳам маъно, ҳам образ, ҳам таҷрибаи ахлоқӣ ва ҳам намунаи хубу зебои суханро дар худ нигоҳ медоранд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқоти пешниҳодшуда дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар илми педагогикаи ватанӣ методикаи ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавии воҳидҳои фразеологӣ ва паремиологӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ ҳамаҷониба таҳқиқ ва аз таҷрибаву озмоиши педагогӣ гузаронида шудааст. Муаллиф аҳаммияти воҳидҳои забонро ҳамчун омили асосии ташаккули фарҳанги нутқи

хонандагон асоснок карда, методикаи ҳамҷояи таълими паремияҳо ва фразеологизмҳоро ҳамчун як низоми воҳид коркард намудааст. Дар диссертатсия низоми асосноки илмӣ-методӣ дар робита ба таҳлили маъноии воҳидҳои забон корбаст гардидааст, ки он барои инкишофи нутқи хонандагон шароити мусоид фароҳам меорад. Навъи хатоҳо дар истифодаи воҳидҳои фразеологӣ ва паремиологӣ аз ҷониби хонандагон ошкор ва роҳҳои бартараф кардани онҳо муайян ва меъёрҳои интихоби асосноки ин воҳидҳо муқаррар шудаанд. Барои амалӣ намудани ин ҳадафҳо аз ҷониби муҳаққиқ низоми махсуси машқҳо, ки сатҳи дониш ва малакаи хонандагонро оид ба истифодаи воҳидҳои забон баланд мебардорад ва нақшаи чорабинии беруназдарсӣ барои ташаккул ва такмили фарҳанги нутқ мураттаб карда шудааст. Равиши таҳлили маънои вожаву ифодаҳо, такмил ва пурра кардани ҷумлаву матн, баёни мазмуну ғояҳои зарбулмасалу мақолҳо ва панду ҳикматҳо бо усули фаъол, инчунин таҳияи корҳои эҷодӣ дар асоси нақша иборат пешниҳод гаштааст.

Дар мактаб таълими фразеология аксаран бо чанд соати барномавӣ, ёфтани ибора аз матн ва шарҳи маъно маҳдуд мешавад. Зарбулмасалу мақолҳо бошанд, дар матнҳои адабӣ зиёданд, вале на ҳамеша ба луғати фаъоли хонанда мегузаранд. Муҳаққиқ дуруст нишон медиҳад, ки фаҳмидани маъно ҳанӯз истифода бурдан нест ва барои ба нутқи фаъол ворид шудани воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ хонанда бояд онро дар матн шиносад, образнокии суханро дарк кунад, бо воҳидҳои забонии наздик муқоиса намояд, мавқеи муносибро интихоб кунад, дар ҷумла, муколама, эссе, иншо ё нақли мустақил ба кор барад. Ин пайдарҳамӣ асоси методии таҳқиқотро ташкил медиҳад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада барои равшан сохтани меъёрҳои одоби муошират, худшиносии миллӣ ва тарбияи шахсият робитаи мустақим дорад. Зарбулмасал, панду ҳикмат ва ибораи рехта танҳо воситаи зебо кардани

сухан нест, истифодаи мавқеъшиносонаи онҳо ба хонанда имкон медиҳад, ки фикри худро бо такя ба таҷрибаи фарҳанги миллӣ далелнок ва таъсирбахш баён намояд. Аз ҳамин ҷиҳат, мавзуъ ҳам барои методикаи таълими забони тоҷикӣ ва ҳам барои тарбияи худшиносии миллӣ мубрам аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки маводди диссертатсияро ҳангоми таълифи дастурҳои таълимӣ-методӣ ва тавсиявӣ барои донишҷӯёну магистрантони мактабҳои олии ҷумҳурӣ, хонандагону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин дар ҷараёни тадриси фанҳои забон ва адабиёти тоҷикӣ ва таҳияи барнома ва китобҳои дарсӣ истифода бурдан мумкин аст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Бояд таъкид намуд, ки диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. (5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ) комилан мувофиқат мекунад.

Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия. Маврид ба зикр аст, ки сатҳи ҳаллу фасли масоили мавриди таҳлил, бардоштҳои аз пажуҳиш бадастомада, ки дар шакли монография, дастурҳои таълимӣ-методӣ, мақолаҳои илмӣ ва методӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмуаҳои илмӣ ба нашр расидаанд, инчунин хулосаҳои муаллиф дар асоси манбаъҳои таҳқиқшуда собит менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар партави бардоштҳо аз андешаҳои пажуҳишгарони

ватанию хориҷӣ асосу заминаҳои амалию назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро мушаххас намуда, масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот, гирдоварӣ ва таҳлили мавод, истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, муайян кардани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот дар заминаи ташкили таҷриба ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маводди таҷриба инъикос меёбад.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 2 монография, 8 дастури таълимӣ-методӣ, 64 мақола, аз он 19 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 45 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ дарҷ ёфтааст.

Боби якум – **«Асосҳои илмӣ-методии омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ, фразеологӣ ва фарҳанги нутқ»** – таърихи омӯзиши фразеология ва паремиология, мавқеи олимони тоҷик ва хориҷӣ дар таҳқиқи хусусиятҳои зарбулмасал, мақол, панду ҳикмат, афоризм ва фразеологизм шарҳ дода шудааст. Омӯзгор барои ташкили дарс бояд фарқи воҳиди устувор аз ибораи озод, фикри мукаммал аз таркиби номӣ, маънои аслӣ аз маънои маҷозӣ ва воҳиди халқиро аз ифодаҳои муаллифӣ донад. Муҳаққиқ барои ин инъикоси ин тафовут мисолҳои зиёд пешниҳод ва нуктаҳои зеринро таъкид мекунад: ислоҳи нутқи хонанда танҳо ислоҳи имло ё грамматика нест, бояд ба дақиқии маънои калима, мантиқи ҷумла, пайванди қисматҳои матн, равонӣ, тобиши услубӣ ва муносибати сухан ба вазъияти муошират диққат диҳад. Мафҳумҳои ҳусни баён, фасоҳат, балоғат, салосат ва ғановати калом барои таҳлили сифати нутқ имкон медиҳанд. Муаллиф муносибати забони адабӣ ва лаҳҷаро низ баррасӣ намуда, зарурати эҳтиром ба забони зиндаи мардум ва ҳамзамон риояи меъёри адабиро бозгӯ менамояд.

Боби дуюм – **«Заминаҳои методологии ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон зимни таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ»** ном гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки зимни татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим хонанда бояд дониши худро дар вазифаи нав – дар нутқ истифода карда тавонад. Масалан, донистани маънои фразеологизми «аз як даст садо намебарояд» танҳо қадами аввал аст, хонанда бояд вазъиятеро муайян кунад, ки ин мақол ба он мувофиқ аст, онро ҳамчун далел дар баҳс истифода барад ва маънои онро дуруст шарҳ диҳад. Докторант чунин фаъолиятҳоро равиши беҳтарини ташаккули салоҳияти иртиботӣ меҳисобад. Қисмати фасоҳату балоғат барои методикаи миллӣ аҳаммияти хос дорад. Ӯ ин меъёрҳоро бо суннати илми бадеъ ғанӣ месозад ва нишон медиҳад, ки сухани хуб бояд ҳам дуруст, ҳам ба мавқеъ мувофиқ ва ҳам аз ҷиҳати маъно пурра бошад. Тафсири маъно, ҷустуҷӯйи муродифот, муайян кардани зидмаъноҳо, таҳлили калимаҳои сермаъно ва муқоисаи ифодаҳои ҳаммаъно ба хонанда имкон медиҳад, ки аз байни вариантҳои гуногуни баён мувофиқу беҳтаринашро интихоб кунад.

Боби сеюм – **«Методикаи таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар асоси Стандарт, барнома ва китобҳои дарсӣ»** – се фаслро дар бар гирифта, барои ислоҳи мазмуни таълимӣ аҳаммияти бевосита дорад. Муаллиф Стандарт, барнома ва китобҳои дарсии синфҳои 5 ва 11-ро аз назар гузаронида, мавқеи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро дар маводди хониш муайян менамояд. Баррасии намунаи воҳидҳои фразеологӣ ва паремиологӣ нишон медиҳад, ки китобҳо маводди кофии забонӣ доранд, вале ин мавод аксар вақт ҳамчун ҷузъи матн боқӣ мемонад. Саволу супоришҳо на ҳамеша хонандаро ба муқоисаи маъно, мувофиқ ба вазъият ва истифодаи мустақилона тамоюл доранд. Интихоби ҳадди ақалли фаъол яке аз корҳои муҳимми докторант аст. Муаллиф меъёрҳои дастрасӣ, басомад, аҳаммияти иртиботӣ, образнокӣ, имкони корбаст дар матн ва арзиши тарбиявиро пешниҳод мекунад.

Қайд мекунад, ки зарбулмасал ё таъбирро дар дарси адабиёт аз ҷиҳати ғоя ва образ, дар дарси забон аз ҷиҳати маъно, сохтор ва вазифаи услубӣ таҳлил кардан мумкин аст. Ин ҳамгироии фанни забон ва адабиёт вақтро сарфа намуда, азхудкуниро устувор месозад.

Боби чаҳоруми диссертатсия – **«Роҳҳои ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон зимни омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологии тоҷикӣ»** – аз чаҳор фасл иборат буда, дар он низоми машқҳо мувофиқ ба зинаҳои салоҳияти иртиботӣ пешниҳод шудаанд. Дар зинаи аввал хонанда воҳиди забонро мешиносад ва аз ибораи озод фарқ мекунад. Дар зинаи дуюм сохтор, образ, муродифот, зидмаъно ва тобиши услубии онҳоро таҳлил менамояд. Дар зинаи сеюм воҳиди мувофиқро интихоб карда, ҷумла ё муколама месозад. Дар зинаи чаҳорум онро дар нақл, эссе, иншо ва суханронии мустақил истифода мебарад. Таҳрири матн, махсусан, самаранок аст: ба хонандагон матне дода мешавад, ки воҳиди забонӣ нодуруст интихоб ё сохтори он тағйир ёфтааст. Машқҳои эҷодӣ ба хонанда озодии интихоб медиҳанд. Дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ба хонанда барои оғоз ё ҷамъбасти андеша, далел овардан ва таъсир бахшидан ба сухан кумак мекунанд. Фарҳанги мутолиа низ мавқеи марказиро дорад. Дар фасли алоҳида омӯзиши ин воҳидҳо дар машғулиятҳои беруназсинфӣ (маҳфили адабӣ, конференсия, озмун, хониши беруназсинфӣ) баррасӣ шудааст, ки дар онҳо муҳити мувофиқ барои ташаккули малакаи ҳунари суханварӣ ва мубоҳисаҳои озод фароҳам меояд.

Боби панҷум **- «Озмоиши муқарраркунанда ва таълимӣ дар раванди омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ»** ном дорад ва аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли аввал – «Санҷиши сатҳи ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар рафти озмоиши муқарраркунанда» – арзёбии сатҳи ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ҳамчун воситаи самарабахши сайқал додани ҳусни калом, салоҳияти маърифатии

хонандагон оид ба истифодаи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологии тоҷикӣ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ; баҳодиҳӣ ба салоҳияти шинохти маънои воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ сурат гирифт. Аз нигоҳи илмӣ-методӣ ташкил кардани озмоиши муқарраркунанда моҳияти таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёна асоснок карда, барои озмоиши таълимӣ замина мегузорад.

Дар корҳои таҷрибавӣ 182 нафар хонанда, 36 нафар омӯзгор ва 23 нафар падару модар ҷалб шудаанд. Пурсиши 36 омӯзгор нишон дод, ки сатҳи таваҷҷуҳ ва салоҳияти методӣ дар мактабҳо яксон нест. Қисми зиёди хонандагон маънои рамзӣ ва маҷозии воҳидҳоро нодуруст мефаҳманд ва сатҳи нофаҳмӣ дар баъзе паремияҳо то 30–35 фоиз мерасад. Натиҷаҳои муқоисавии марҳалаи назоратӣ таъсири мусбати методикаро собит намуданд: гурӯҳи таҷрибавӣ дар тест 80%, иншо 65%, мусоҳиба 80% ва шарҳи маъно 90% натиҷаи баланд ба даст овард, дар ҳоле ки гурӯҳи назоратӣ нишондодҳои ба таври назаррас пасттар (60%, 30%, 35%, 37%) нишон дод. Фарқи назаррас дар иншо ва мусоҳиба шаҳодат медиҳад, ки методика ба инкишофи нутқ ва тафаккур таъсири амиқ расонидааст.

Фарогирии синфҳои 5 ва 11 ба муаллиф имкон додааст, ки рушди малакаҳоро ҳамчун раванди тулонии пайдарҳам баррасӣ намояд. Дар синфҳои поён хонанда бештар ба шинохти маъно, фарқ кардани ибораи озод ва рехта, овардани мисолҳои маъмул аз зиндагӣ ва сохтани ҷумла ниёз дорад.

Аз маводди диссертатсия метавон силсилаи намунаи чанд дарсро ба мушоҳида гирифт. Дар дарси аввал омӯзгор аз матни бадеӣ 5–7 воҳиди мувофиқро интихоб карда, хонандагонро ба шинохт ва шарҳи маъно ҷалб мекунад. Дар дарси дуюм воҳидҳои луғавӣ муқоиса мешаванд: муродиф, зидмаъно, тобиши эҳсосӣ ва мавқеи услубӣ. Дар дарси сеюм машқи таҳрир вобаста ба вазъият иҷро мешавад: ба хонандагон матне

дода мешавад, ки дар он воҳидҳои забон нодуруст истифода шудаанд. Дар дарси чорум натиҷа дар фаъолияти эҷодӣ санҷида мешавад: эссе, муколама ё баромади шифоҳӣ. Чунин равиши муназзам ба табдил додани дониши луғавӣ ба нутқи фаъол, мантиқӣ ва маданӣ мусоидат мекунад.

Эроду тавсияҳо оид ба диссертатсия. Кори диссертатсионии Солеҳзода Шоира Солеҳ дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ мебошад. Дар баробари ин дастовардҳо бо мақсади такмили минбаъда ва коркарди баъдии маводди таҳқиқ баъзе нуктаҳои қобили интиқодро қайд менамоем:

1. Қисмати арзёбии корҳои эҷодӣ ба муайян кардани дақиқи холҳо ва меъёрҳои услубӣ ниёз дорад.
2. Ҷадвали ягонаи тақсимоти 182 хонанда аз рӯйи синф ва муассисаҳо пешниҳод нашудааст.
3. Нишондиҳандаҳои ибтидоӣ ва ниҳоӣ дар як ҷадвали муқоисавӣ ҷамъоварӣ нагардидаанд.
4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Зикри ин эрод ва пешниҳодҳо хусусияти ҷузъӣ ва машваратӣ дошта, ба сифати баланд, арзиши бунёдии назариявӣ ва аҳаммияти амалии кори анҷомдодаи Солеҳзода Шоира Солеҳ таъсири манфӣ намерасонанд, зеро онҳо бештар хусусияти техникӣ ва таҳрирӣ дошта, ислоҳпазиранд.

Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро фаро гирифта, мақсад, вазифаҳо, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои таҳқиқотро инъикос менамояд.

Хулосаи ҷамъбастӣ. Диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» кори илмӣ-таҳқиқотӣ баанҷомрасида буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона

иҷро шудааст. Таҳлилҳо нишон доданд, ки диссертатсия бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ таъмин аст. Докторант мақсадҳо ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот пурра исбот карда шудааст.

Диссертатсияи илмии Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав»: Абдураҳимзода Қудратулло Саид

Суроғаи ҷойи зист: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, н.Кӯшониён, Ҷ/Ш. Бохтариён шуъбаи 1, деҳ. С-Тағой. Тел. Моб.918274643; E-mail: abdusamad06@mail.ru.

Имзои профессор Қ.С. Абдураҳимзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори ШК ва КМ-и МДТ-и
«ДДБ ба номи Носири Хусрав»: Исҳоқзода М.М.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Тел: 8(3222)2-54-81, 2-22-53;
Почтаи электронӣ: bgu-1978@mail.ru;
Сомона: www.btsu.tj.

«02» 11 2026 с.